# Ҳар мусалмон уҳдадор аст, ки дар ҳафт рӯз як бор ғусл кунад ва дар он сару бадани худро бишӯяд

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ҳар мусалмон уҳдадор аст, ки дар ҳафт рӯз як бор ғусл кунад ва дар он сару бадани худро бишӯяд."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) баён намуданд, ки ҳар як мусалмони болиғу оқил уҳдадор аст, ки дар ҳафт рӯзи як ҳафта як бор ғусл кунад ва дар он ғусл сару баданашро барои покӣ ва тозагӣ бишӯяд ва шоистатарин рӯз барои ин кор, чунонки дар баъзе ривоятҳо омадааст, рӯзи ҷумъа аст. Ғусл дар рӯзи ҷумъа ва пеш аз намози ҷумъа бо таъкид мустаҳаб аст, ҳатто агар рӯзи панҷшанбу ғусл карда бошад. Ва ончи воҷиб будани ин ғуслро ба мустаҳаб поин меорад, сухани Оиша (Худованд аз ӯ розӣ бод) аст, ки мефармояд: "Мардум дар кору талоши худ буданд ва чун ба намози ҷумъа мерафтанд ба ҳамон шакли (ва либоси кор) худ мерафтанд, пас ба онон гуфта шуд: "Агар ғусл кунед (беҳтар аст)" дар ривояти Бухорӣ. Ва дар ривояти дигар аз ӯ: "Бӯ доштанд" яъне бӯйи арақ ва монанди он, ва бо ин ҳол ба онон гуфта шуд: "Агар ғусл мекардед". Бинобарин барои дигарон мин боби авло (ғусл воҷиб нест).

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/65084